# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-087-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Диссертатсия дар кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (протоколи № 8 аз 29 апрели соли 2026) муҳокима шудааст.

**Мубрамияти мавзуъ:** Ҳарчанд масъалаи фирдавсишиносӣ як мавзуи меҳварии таҳқиқоти донишмандону муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба вуҷуд овардааст, вале даврабандӣ ва баррасии марҳилаҳои муайяни он дар адабиётшиносии тоҷик ниёзи бештар ба таҳқиқу баррасӣ дорад. Дар пажуҳишҳои Шозиёева Гулмоҳ, Субҳони Аъзамзод бештар ба раванди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 30-40-уми асри XX таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Бо такя бар ин назар, ки соли 1934 ҷашни ҳазораи Фирдавсӣ доир шуда, сабаби муҳим ва омили таъсиргузор барои таҳаввули раванди фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ гардид, метавон бар ин натиҷа расид, ки ин марҳилаи таърихӣ як давраи оғози фирдавсишиносӣ ба шумор меравад. Ба мушоҳида, мерасад, ки дар мароҳили фирдавсишиносӣ аз ҳар зовия такмилу ташаккул пазируфта, тамоюлҳои тозае бар он афзуда шудааст. Бахусус, дар солҳои 50-80-уми асри XX, бо таваҷҷуҳ ба нашри матни “Шоҳнома” фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ равнақи тоза касб карда, баробари зуҳури корномаҳои илмӣ эҷоди корномаҳои илмӣ эҷоди осори бадеӣ роҷеъ ба худи Фирдавсӣ, бо баҳрамандӣ аз “Шоҳнома” низ тавсеа касб кард. Новобаста ба ин вусъатёбии пажуҳиши “Шоҳнома” ва рӯзгору нукоти муҳимми зиндагиномаи шоир масъалаи фирдавсишиносӣ нақду баррасии ин таълифот дар сатҳи матлуб ҷараён нагирифтааст. Ҳамин нуктаи муҳим мубраммияти мавзуи тадқиқро муқаррар ва муайян менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти анҷомёфта бори нахуст фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони даврони Шуравӣ дар як замон ё марҳилаи муайяни солҳои 50-80 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пажуҳиш нахустин бор се ҷанбаи муҳимми фирдавсишиносӣ – таҳқиқу баррасии зиндагинома ва вежагиҳои адабиву бадеӣ ва мавзуии "Шоҳнома", тарҷумаи ҳамосаи миллии мо ба забонҳои мухталифи олам ва ҳамзамон махсусиятҳои осори бадеии дар партави "Шоҳнома" ва эҷоди симои Фирдавсӣ дар таълифоти адабӣ ба қаламомадаро якҷоя ва бо фарогирии як марҳилаи муайяни таърихӣ таҷассум менамояд. Бегумон ин давраи таърихии фирдавсишиносӣ, ки ба марҳилаи поёни даврони Шуравӣ ва шуури замони истиқлоли миллӣ анҷом меёбад, барои ташаккули афкори адабӣ ва ривоҷи бештари фирдавсишиносӣ дар марҳилаи нави таърихӣ таъсиргузор будааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** ки дар меҳвари таҳқиқот фирдавсишиносӣ аз се зовия накду баррасӣ шудааст, ки натиҷаи аз ин пажуҳиш ба даст омада, метавонанд дар таҳқиқи паҳлуҳои дигари зиндагӣ, мерос ва махсусиятҳои мавзуиву бадеии "Шоҳнома" истифода шаванд. Бахусус, дар раванди соле, ки шоҳномахонӣ дар кишвар эълон гардидааст, маводи диссертатсия барои муҳаққиқони соҳа дар шинохти ҳамосаи миллӣ, омодагии довталабони озмун ҷиҳати омодагӣ ба донишҳои шоҳномашиносӣ кӯмак менамояд.

Натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада мумкин аст, ки дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, бахусус бознависии зиндагинома ва мероси Абулқосим Фирдавсӣ, нигориши дастурҳои таълимӣ, тадриси курсҳои махсуси фирдавсишиносӣ дар факултетҳои филологии макотиби олии кишвар, иншои мақолаву монографияҳои илмӣ, баргузор намудани курсҳои тахассусӣ, машғулиятҳои факултативӣ роҷеъ ба "Шоҳнома", ҳамчунин осори манзум ва мансур, ки дар адабиёти муосири тоҷик бар пояи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва эҷоди симои шоир ба қалам омадаанд, истифода шаванд.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар

баррасии масъалаҳои равобити адабӣ ва таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин дар ҷараёни таълими фанҳои адабиёти ҷаҳон, курсҳои махсус оид ба таърихи адабиёт, адабиёти тоҷик ва равобити адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва навиштани диссертатсияву корҳои илмӣ зарур арзёбӣ мешаванд.

**Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 11 мақола, (аз ҷумла 7 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба нашр расидаанд, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи мустақим доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар худ ҷой додаанд. Мақолоти нашрнамудаи муаллиф ва шумораи маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Дар умум, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи пайваст буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти чунин аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи экспертӣ ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нуруллоро дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нуруллоро дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нуруллодар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Сафаров Умархоҷа Раҳимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

– **Зебарниё Муллоаҳмадшоҳ Ҷурғосӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи

Моёншо Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Н.Н. Нуров

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ А.А. Абдулназарзода

номзади илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Р.М. Шофақирзода

Имзои Н.Н. Нуров, А.А. Абдулназарзода
ва Р.М. Шофақирзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидрахмонов Н.С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (+992) 501 33 47 25

«8» июни соли 2026